Қарори
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№27

аз 29 декабри соли 2025 шаҳри Душанбе

Дар бораи баъзе масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ, инчунин ғайриқонунӣ истифода бурдани қувваи барқ барои истеҳсоли доротии маҷозӣ

Бинобар қабул ва мавриди амал қарор додани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ вобаста ба ҷиноятҳо оид ба вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ, инчунин ғайриқонунӣ истифода бурдани қувваи барқ барои истеҳсоли дороии маҷозӣ, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

қарор кард:

1. Бо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 апрели соли 2025, №2163 ва аз 17 декабри соли 2025, №2206 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) моддаҳои $253^{1}$ (вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ) ва $253^{2}$ (ғайриқонунӣ истифода бурдани қувваи барқ барои истеҳсоли дороии маҷозӣ) илова карда шудааст.

Аз ин рӯ ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо зарур аст, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баррасии чунин парвандаҳои ҷиноятӣ бо мақсади риояи талаботи қонунгузорӣ ва қоидаю меъёрҳо оид ба истифодаи қувваи барқ, инчунин пешгирии истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ аз ҷониби шахсони воқеӣ, мансабдор, ҳуқуқӣ ва ё кормандони масъули ташкилоту муассисаҳо муқаррароти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодексҳои ҷиноятӣ, маданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», «Қоидаҳои истифодаи қувваи барқ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи энергетикаро ба роҳбарӣ гирифта, нисбати шахсони воқеӣ, мансабдор, ҳуқуқӣ ва ё кормандони масъули ташкилоту муассисаҳо, ки

бархилофи талаботи қонунгузорӣ ва қоидаю меъёрҳои номбурда амал намуда, бо ҳар роҳу восита ба истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ даст зада, ба давлат зарари моддӣ расонидаанд, чораҳои дахлдор андешанд.

2. Дар моддаи 253[1] КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, агар чунин кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, пешбинӣ гардидааст.

Аз ин лиҳоз, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки:

- зери мафҳуми аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он чунин кирдоре фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он шахс ё корманди масъули ташкилоту корхонаҳое, ки аз рӯи мақоми хизматиашон ба таҷҳизотҳои барқӣ дастрасӣ доранд ё надоранд, бо ҳар роҳу усул, аз ҷумла бо истифодаи технологияи компютерӣ худсарона ба кори таҷҳизоти ҳисоби барқӣ дахолат менамоянд ё нишондоди онро бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ тағйир медиҳанд;

- таҳти мафҳуми истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ бошад, чунин ҳаракате фаҳмида мешавад, ки шахс ё корманди масъули ташкилоту корхонаҳое, ки аз рӯи мақоми хизматиашон ба таҷҳизоти барқӣ дастрасӣ доранд ё надоранд, бе шартнома бо ташкилотҳои таъминоти қувваи барқ, худсарона ноқилҳои барқиро ба шабака ё дастгоҳҳои таъминоти барқ насб карда, бидуни пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ қувваи барқро истифода мебаранд.

Ҳамин кирдор мумкин аст инчунин бо истифодаи таҷҳизоти ҳисоби барқии корношоям содир шуда бошад, яъне ба таҷҳизоти корношоям ноқили барқ насб карда шуда, амалан қувваи барқ сарф гардида, вале истифодаи барқ ҳисоб карда нашуда бошад.

3. Бояд дар назар дошт, ки таҳти мафҳуми «ғайриқонунӣ истифода бурдани қувваи барқ», ки дар моддаи 253[2] КҶ пешбинӣ шудааст, кирдоре фаҳмида мешавад, ки тибқи он аз ҷониби шахс истифодаи қувваи барқ бидуни иҷозати расмӣ, рӯйпушона ё бар хилофи қонун анҷом дода мешавад.

Истеҳсоли дороии маҷозӣ – ин раванд ё амалест, ки дар он дороии рақамӣ (криптовалютаҳо, токенҳо ва ғайра) бо истифода аз технологияҳои компютерӣ, махсусан блокчейн офарида мешавад ва дар шакли рақамӣ вуҷуд дорад, яъне шахс ба воситаи барномаҳо, компютерҳо, интернет ва барқ дороие месозад, ки он танҳо дар фазои рақамӣ мавҷуд буда, метавонад ҳамчун мол, асъор ё токен дар шабакаҳои дигари иқтисодӣ ҳамчун арзиш ё моли рақамӣ истифода шавад.

4. Ҳангоми бандубасти кирдори шахс бо қисми 1 моддаи 253[1] КҶ бояд ба инобат гирифт, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ бо ин қисми модда танҳо дар ҳолате фаро мерасад, ки агар чунин кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад.

Дар робита ба ин, бояд дар назар дошт, ки соли тақвимии ба ҳисобгирӣ пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани қарор оид ба таъини ҷазои маъмурӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҷинояти дар моддаи $253^{1}$ КҶ пешбинишуда аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани яке аз оқибатҳои дар қисми 1 ҳамин модда нишондодашуда хотимаёфта ба ҳисоб рафта, ҷинояти дар моддаи $253^{2}$ КҶ пешбинишуда бошад, аз лаҳзае, ки шахс ғайриқонунӣ ба истифодаи қувваи барқ бо мақсади истеҳсоли доروии маҷозӣ шуруъ менамояд, хотимаёфта шуморида мешавад.

5. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд ба назар гиранд, ки мутобиқи эзоҳи моддаи 244 КҶ таҳти мафҳуми ба миқдори калон андозаи зарари молумулкии ба давлат расонидашуда дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар вақти содир гардидани кирдор як ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

Ба миқдори махсусан калон бошад, зарари моддие, ки андозаи он аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд мебошад, фаҳмида мешавад.

Бинобар ин зарур аст, ки ҳангоми тафтишу баррасии ин гуна парвандаҳо вобаста ба ҳолатҳои зикршуда андозаи зарар дуруст муайян карда шавад.

6. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баррасии парвандаҳо оид ба вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ ва ғайриқонунӣ истифода бурдани қувваи барқ барои истеҳсоли доруии маҷозӣ муайян гардад, ки шахс ба азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ба ӯ бовар карда супоридашуда ё дар ихтиёри ӯ буда даст задааст, ё бо роҳи фиреб ва ё сӯиистифодаи боварӣ молу мулкро тасарруф намудааст, ё қасдан ба молик зарари молумулкӣ расонидааст, ҳамчунин ҷинояти дигар содир намудааст, он гоҳ кирдори шахс бояд мувофиқан бо қисмҳои дахлдори моддаҳои 245, 247, 253 ё дигар моддаи Қисми махсуси КҶ банду баст карда шавад.

7. Аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир намудани ҷинояти дар моддаи $253^{1}$ КҶ пешбинишуда чунин маъно дорад, ки шахс аз мақоми хизматии худ истифода намуда, бар хилофи ваколатҳои мансабиаш амал менамояд, яъне кормандони ташкилоту корхонаҳои соҳаи барқ ё соҳаи мухталиф бинобар дастрасӣ доштанашон ба таҷҳизоти барқӣ, бо ҳар роҳу усул ба чунин таҷҳизот дахолат менамоянд.

8. Ҷиноятҳои дар моддаҳои зикргардида аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани ҷиноят пешакӣ маслиҳат кардаанд.

Агар ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад, он аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда ба ҳисоб меравад.

Зери мафҳуми аломати бандубасткунандаи иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) дар моддаи $253^{1}$ КҶ пешбинишуда муттаҳидшавии ду ё якчанд гурӯҳи муташаккил фаҳмида мешавад, ки барои содир намудани

ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин ба ташкилоти устувор таъсис ёфта, фаъолияти он ба тақсимоти вазифаи идоракунӣ, таъмин ва иҷрои мақсадҳои ҷинояткоронаи иттиҳод дар байни аъзои иттиҳод ва сохторҳои он равона гардидааст.

9. Ҷинояти дар моддаи $253^2$ КҶ пешбинишуда ҳамон вақт такроран содиршуда эътироф карда мешавад, ки агар шахс қаблан як ё якчанд ҷиноятҳои дар ҳамин модда ё қисми он пешбинигардидаро содир намуда, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ мутобиқи талаботи моддаи 75 КҶ нагузашта ё тибқи талаботи моддаи 84 КҶ доғи судиаш барҳам нахӯрда ё бардошта нашуда бошад.

Субъекти ҷиноятҳои мазкур шахси мукаллафи ба синни 16 солагӣ расида ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин шахсоне, ки аз рӯи мақоми хизматиашон ба таҷҳизоти барқӣ дастрасӣ доранд ё надоранд, субъекти ин ҷиноятҳо шуда метавонанд.

Тарафи субъективии ҷинояти дар моддаи $253^1$ КҶ пешбинишударо қасди бевосита ташкил медиҳад, яъне гунаҳгор дарк менамояд, ки дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ ва ё истифодаи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ба давлат зарари моддӣ расонида истодааст ва хоҳиши содир кардани чунин кирдорро дорад.

Тарафи субъективии ҷинояти дар моддаи $253^2$ КҶ пешбинишударо низ қасди бевосита ташкил медиҳад, яъне шахс дидаю дониста, ғайриқонунӣ, бо мақсади ба даст овардани даромад қувваи барқро барои тавлиди криптовалюта (майнинг ё стейкинг), барориши токен ё NFT, офаридани ашёи рақамӣ дар бозиҳо ё платформаҳо ё дигар усулҳои тавлиди дороии маҷозӣ истифода бурда, ба манфиати иқтисодии давлат зарар мерасонад.

Предмети ин ҷиноятҳо қувваи барқи ғайриқонунӣ истифодашуда, ашё ва таҷҳизот, дастгоҳҳои ҳисоби барқӣ ё таҷҳизоти дигаре, ки ҳамчун олоти содиршавии ҷиноят истифода гардидаанд, метавонанд бошанд.

10. Дар мавриди интихоб ва таъини ҷазо барои содир намудани чунин ҷиноятҳо бояд хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, андозаи зарари моддӣ, шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунандаю вазнинкунандаи ҷазо, ҳамчунин таъсири ҷазои таъиншуда барои ислоҳшавии маҳкумшуда, пешгирии ҷиноятҳои нав ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба инобат гирифта шавад.

Намуди ҷазои камтар ё сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноятҳо пешбинӣ шудааст ё шартан татбиқ накардани ҷазоро танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳое, ки дар моддаҳои 63 ва 71 КҶ пешбинӣ шудаанд, бо ҳатман дар ҳукм нишон додани асосҳои қарори қабулшуда таъин намудан мумкин аст.

Бояд дар назар дошт, ки ихтиёран ҷуброн кардани маблағи зарар ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба ҳисоб рафта, ҷавобгарии ҷиноятиро истисно наменамояд.

Ҳамзамон, агар шахс зарари моддии дар натиҷаи содир намудани ҷинояти дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи $253^1$ КҶ пешбинишударо пурра талофӣ намуда бошад, нисбати ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад (қисми 6 моддаи 49 КҶ).

11. Судҳо бояд талаботи қонунро оид ба татбиқ намудани ҷазоҳои иловагӣ дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян бемайлон риоя намоянд.

Раводиди қисмҳои 2 ва 3 моддаи $253^1$ КҶ ҷазои иловагиро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян пешбинӣ намудааст.

Аз ин рӯ, судҳоро зарур аст масъалаи таъини ҷазои иловагиро вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси парванда дар қисми асосноккунонии ҳукм муҳокима намуда, дар қисми хулосавии он дақиқ қайд намоянд, ки маҳкумшуда аз ҳуқуқи ишғоли кадом мансабҳо ё машғул шудан ба кадом намуди фаъолият ва ба кадом муҳлат маҳрум карда мешавад.

12. Агар ҳангоми баррасии судии парвандаҳо доир ба ҷинояти дар моддаҳои $253^1$ ва $253^2$ КҶ пешбинигардида ҳолатҳои риоя накардани муқаррароти қонун зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ошкор гарданд, инчунин дар сурати мавҷуд будани дигар асосҳо, судҳоро зарур аст нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти (қарори) хусусӣ қабул намоянд.

13. Судҳо бояд мунтазам таҷрибаи баррасии парвандаҳои номбурдаро ҷамъбаст намуда, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои дар амалияи судӣ ва дар фаъолияти мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ошкоргардида чораҳо андешанд.

Ҳамчунин, бобати пешгирӣ ва бартараф намудани сабаб ва омилҳои содиршавии ин ҷиноятҳо ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ судҳо бояд мурофиаҳои сайёри судӣ гузаронида, қарорҳои судиро дар байни аҳолӣ ва коллективҳои меҳнатӣ муҳокима намоянд.

14. Ба судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ зарур аст, ки ҷиҳати баррасии саривақтӣ, қабули қарорҳои қонунӣ ва асоснок, таъмини иҷрои санадҳои судӣ марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ ва ғайриқонунӣ истифода бурдани қувваи барқ барои истеҳсоли дороии маҷозӣ, назоратро пурзӯр намоянд.

Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Мирзозода Р.П.

Котиби Пленум,
судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Холиқмуродзода Д.А.